# Тақриз

ба автореферати Каримова Мастона Дилбаровна «Ташаккул ва инкишофи лексикаи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ» (дар асоси маводи лексикаи лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахш) ки аз рӯи ихтисоси 10.02.22- Забонҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии Австралия (забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология пешниҳод шудааст.

Лаҳҷашиносӣ яке аз самтҳои пешрафтаи забоншиносии тоҷик маҳсуб мeёбад. Аксари лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мавриди омӯзиши монографӣ қарор дода шуда аз назари авошиносӣ ва сафу наҳв таҳқиқу тафтиш шудаанд. Дар баробари ин бисёре аз масоили лаҳҷашиносӣ то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Муҳити густариши лаҳҷаҳои ҷудогона, муносибати он бо дигар забонҳои ҳамҷавор, вижагиҳои лексика ва фразиологияи лаҳҷаҳои ҷудогона, самтҳои тағйирёбии дохилии лаҳҷаҳо таҳти таъсири омилҳои забонӣ ва ғайризабонӣ– масъалаҳое мебошанд, ки дар лаҳҷашиносии тоҷик ниёз ба баррасии амиқи илмӣ доранд.

Рисолаи мазкур ба омӯзиши лаҳҷаи тоҷикони Лахш бахшида шудааст, ки дар муҳити хос- дар ҳамсоягӣ ва равобит бо забони қирғизӣ густариш ёфтааст. Қобили ёдоварист, ки муҳити дузабонӣ, пеш аз ҳама ба таркиби луғавӣ таъсир мерасонад ва маҳз масъалан лексикаи лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахш мавзӯи тадқиқоти рисолаи Каримова М.Д. қарор дода шудааст. Баъд ин ваҷҳ мавзуи рисолаи номбурда мубрам ва қобили тадқиқи алоҳида мебошад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад.

Вазифаҳои гузошташуда дар рисола ба андозаи муайян ҳаллу фасл гардидаанд. Муаллиф дар такя ба осори забоншиносӣ масоили назариявии билингвизмро шарҳу тафсир дода, ба баъзе паҳлуҳои таърихи муносибатҳои тоҷикону қирғизон дар минтиқа равшанӣ андохтааст. Илова бар ин оид ба муносибатҳои забонии тоҷикону қирғизон дар ноҳияи Лахш маълумот дода шудааст.

Дар рисола лексикаи лаҳҷаи Лахш аз рӯи доираи корбурд (калимаҳои умумихалқӣ, диалектизмҳои лексикӣ) аз рӯи мансубият ва пайдоиши забонии воҳидҳои луғавӣ (тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-қиғизӣ, русӣ аврупоӣ), аз рӯи гурӯҳҳои семантикӣ (истилоҳоти хешу таборӣ, воҳидҳои луғавӣ марбут урфу одат, ороишоти занона, сару либос,

гиёҳҳо ва кишоварзӣ, чарогоҳи тобистона, асбоби рӯзгор, номи ҳайвонот, анвои хӯрокворӣ ва ғ.) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бояд гуфт, ки лаҳҷаи тоҷикони Лахш бори нахуст мукаммал таҳқиқ шудааст ва навгонии кори диссертатсионӣ низ дар ҳамин аст.

Дар фасли аввали боби якум муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои назариявии дузабониро дар шароити лаҳҷа баррасӣ намуда, ҷанбаҳои лингвистӣ ва иҷтимоии онр дар заминаи лаҳҷа муайян намояд.

«Ташаккули сокиншавии қабилаҳои қирғиз ва муносибати онҳо бо тоҷикон дар н. Лахш» фасли дуюми боби аввали рисола, чунин унвон шудааст, ки ба баррасии пайдоиш ва таърихи этноними қирғиз, сокин шудани қирғизҳо дар минтиқаи Қаротегин, таърихи мухтасари ноҳияи Лахш бахшида шудааст.

Дар раванди муносибатҳои забонӣ лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Лахш бо воҳидҳои луғавии қирғизӣ бой гардидаст. Дар рисола омилҳое, ки ба таҳкими муносибатҳои забонӣ мусоидат намудаанд, муайян шуда, дар асоси маводи тозаи деалектиологӣ таҳлил гардидааст.

Бахшҳои дигари луғати лаҳҷа низ аз назари муносибатҳои забони тоҷикию қирғизӣ вобаста ба дараҷаи корбурд ва гурӯҳҳои маъноию луғавӣ тадқиқу баррасӣ шудаанд.

Дар баробари ин чанд мулоҳизаҳоро оид ба рисола метавон баён кард:

1. Ба назари мо, хуб мешуд, агар фасли якуми боби аввал ба масъалаҳои таърихӣ бахшида мешуд ва дар фасли дуюми ин боб масъалаи билингвизм дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва қирғизӣ дар минтиқаи Лахш баррасӣ мешуд.
2. Деалектизмҳо дар рисола бо ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: 1) пурра ва 2) нопурра. Маъмулан ин гуна деалектизмҳоро инчунин ба деалектизмҳои лексикӣ ва семантикӣ низ ҷудо мекунанд.
3. Маводи лаҳҷагӣ нишон медиҳад, ки онро бояд аз ду ҷиҳат метаон баррасӣ намуд 1) лаҳҷаи тоҷикон, 2) лаҳҷаи тоҷикии қиргизони минтиқа. Лаҳҷаи тоҷикии қиғизони ноҳияи–лаҳҷаи этникии забони тоҷикиест, ки дар заминаи забони қирғизӣ ташаккул ёфтааст. Лаҳҷаи тоҷикони ноҳия–лаҳҷаи минтиқавист, ки ба таъсири лаҳҷаи этникии тоҷикӣ дучор гардидааст.

Рисолаи Каримоа М.Д. «Ташаккул ва инкишофи лексикаи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ» (дар асоси маводи лексикаи тоҷикони ноҳияи Лахш) аз ҷиҳати дарбаргирии маводи тозаи лаҳҷагӣ, тарзи

таҳлили он ва вижагиҳои муҳити инкишофи лаҳҷа, шароити иҷтимоӣ ва таърихии минтиқа дорои мушоидаҳо ва арзёбиҳои тоза буда муаллиф барои дарёти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.22 –забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Назрӣ Офаридаев доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Имзои Н.Офаридаевро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои ДДХ ба номи М. Назаршоев

__________________________Қ Шабдолов

Суроға: 736000. Ш.Хоруғ, к. Шоҳтемур, 28

Тел: 8352222779, **E-mail: ksu.khorog@mail.ru**

**22.11.2018**